ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ. шаҳри Душнабе, 2025, 141 саҳ.

1. Мутобиқати мавзуъ ба талаботи ихтисоси илмӣ

Диссертатсия ба омӯзиши масъалаҳои калидии эпизоотологияи сил, ташхиси аллергӣ, масуниятшиносӣ ва микробиология равона гардида, аз нигоҳи илми тибби ветеринарӣ ба масъалаи ташхиси дақиқи ин бемории зоонозӣ равиши муосир пешниҳод мекунад. Мавзуъ бо ихтисоси 06.02.02 пурра мувофиқ буда, муҳтавои рисола ба талаботи стандартии корҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст.

2. Мубрамияти мавзуи тадқиқот

Мушкилоти вобаста ба бемории сил ва ташхиси он дар Тоҷикистон, хусусан дар минтақаи Кӯлоб, яке аз масъалаҳои доимии эпизоотӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Сил ҳамчун бемории зоонозӣ хусусияти паҳншавии босуръат дорад ва метавонад боиси сирояти якбора ҳам дар ҳайвонот ва ҳам дар одамон гардад. Ин хатар бо назардошти шароити иҷтимоию иқтисодӣ, дараҷаи пасти бехатарии биологӣ ва омӯзиши нокифояи аҳолӣ боз ҳам бештар мегардад.

Дар минтақаи Кӯлоб омилҳои зиёди хатар, аз ҷумла сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои атипӣ, шароити номукаммали нигоҳдорӣ, омилҳои иқлимӣ, тағйирёбии муҳити зист, ба зиёдшавии ҳолатҳои ташхиси бардурӯғ ва хатоҳои эпизоотологӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои бардурӯғ на танҳо ба дақиқии назорати эпизоотӣ таъсир мерасонанд, балки боиси қабул гардидани қарорҳои нодуруст дар сатҳи хоҷагиҳо мешаванд, ки ба иқтисодиёти чорводорӣ зарба мезанад.

Дар чунин шароит, зарурати такмил ва мукаммалгардонии усулҳои ташхиси аллергӣ ва молекулавӣ, интихоби дурусти вояҳо, кам кардани аксуламалҳои парааллергӣ ва таҳияи усулҳои дақиқи тафриқасозӣ аҳамияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Пайдо кардани робитаи зоонозии байни бемории сили ҳайвонот ва одамон, инчунин арзёбии омилҳои хавф барои саломатии аҳолӣ низ ба ин зарурат илова мегарданд.

Муаллиф ин мушкилотро дуруст, воқеӣ ва илмӣ асоснок ба миён гузошта, ба масъала ҳам аз дидгоҳи назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ муносибати амиқ зоҳир намудааст. Тадқиқот ҷавобгӯи эҳтиёҷоти соҳаи тибби ветеринарӣ ва талаботи муосири эпизоотология мебошад ва метавонад ҳамчун замина барои беҳтарсозии низоми миллии назорати сил хидмат кунад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Тадқиқотҳои таҷрибавӣ бо риояи қатъии талаботи илми биостатистика ва методологияи муосир анҷом дода шудаанд. Ин имконият дод, ки робитаҳои боэътимод байни нишондиҳандаҳои эпизоотӣ, иммунологӣ ва ташхисӣ бо дақиқии баланд муайян карда шаванд. Ҳар як хулосаи пешниҳодгардида ба далелҳои мӯътамад, натиҷаҳои такроршаванда ва маълумоти аз манбаъҳои гуногуни таҷрибавӣ тасдиқшуда асос меёбад.

Ғайр аз ин, мушоҳидаҳои сершумор дар хоҷагиҳои инфиродӣ, таҳлили омилҳои таъсиррасони муҳити зист ва омӯзиши ҳолатҳои мушаххаси аксуламалҳои бодигармии ҳайвонот асоснокии илмӣ ва амалии корро комилан дастгирӣ мекунанд. Ин равиш ба муаллиф имкон додааст, ки сабабу робитаҳои калидӣ дар ташхиси сил ва падидаҳои парааллергӣ бо шеваи илмӣ фаҳмо ва дақиқ муайян карда шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот дастурамалҳо ва тавсияномаҳои методии корбурдӣ таҳия шудаанд, ки амалигардонии онҳоро дар хоҷагиҳои инфиродӣ ва хизматрасониҳои байторӣ имконпазир месозад. Нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тахассусӣ, пешниҳоди натиҷаҳо дар конференсияҳои илмӣ ва таҳияи дастури амалии ветеринарӣ эътимоднокӣ ва аҳамияти назариявию амалии корро боз ҳам баланд мебардорад. Ин ҳама исбот менамояд, ки хулосаҳо дорои асоси илмӣ, такроршаванда ва барои истифодаи амалии соҳа пурра қобили татбиқ мебошанд.

Нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда асосан ба муайян намудани вояи оптималии ППД-туберкулин (5000 ВБ) барои минтақаҳои ба сил мусоид бо мақсади баланд бардоштани дақиқии ташхис ва коҳиш додани аксуламалҳои бардурӯғ, исботи нақши сенсибилизатсияи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар пайдоиши аксуламалҳои парааллергӣ ва ташхиси носаҳеҳ, таҳия ва асосноксозии усули фаврии санҷиши симултанӣ бо ППД ва ММҒ ҷиҳати кӯтоҳ кардани вақти ташхис ва баланд бардоштани самаранокии он, инчунин муайян намудани робитаи паҳншавии сили ҳайвонот ва одамон дар минтақаи Кӯлоб бо истифода аз

усулҳои муосири ташхисӣ, ки аҳамияти зоонозии бемориро нишон медиҳад, равона гардидаанд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Натиҷаҳои диссертатсия ба маҷмӯи васеи маълумоти амалӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳоро пурра таъмин мекунанд. Тадқиқот дар се минтақаи муҳим ва аз ҷиҳати эпизоотӣ фарқкунанда – Кӯлоб, Ҳисор ва Рӯдакӣ – анҷом дода шуда, ин ба муаллиф имконият додааст, ки хусусиятҳои минтақавӣ, фарқияти эпизоотологӣ ва таъсири муҳити зистро ба дақиқии ташхис ба таври амиқ таҳлил намояд.

Дар ҷараёни тадқиқот 427 сар чорвои калони шохдор мавриди санҷишҳои симултанӣ қарор гирифта, имкони муқоисаи вояҳо ва реаксияҳои аллергӣ бо эътимоднокии баланд ба даст оварда шудааст. Илова бар ин, санҷишҳои иловагии лабораторӣ бо усули муосири аксуламали занҷираи полимеразӣ гузаронида шуданд, ки манбаи сироят, мавҷудияти микобактерияҳоро бо дақиқии баланд муайян менамояд.

Ин ҳама далолат мекунад, ки хулосаҳои диссертатсия муътамад, илмӣ асоснок ва барои татбиқи амалӣ комилан қобили истифода мебошанд. Асоснокии натиҷаҳо бо таҳлили муфассали додаҳои таҷрибавӣ, таҷрибаҳои озмоишию истеҳсолӣ, нашри мақолаҳо дар манбаъҳои илмӣ ва таҳияи дастурамалҳо ва тавсияномаҳои методии амалии соҳа пурра тасдиқ мегардад.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсия дар ҳаҷми 141 саҳифаи матнии компютерӣ таҳия гардида, дорои 11 ҷадвал, 9 тасвир ва 5 диаграмма мебошад, ки барои нишон додани натиҷаҳои илмӣ ва муқоисавии тадқиқот хизмат мекунанд. Рӯйхати адабиёт 166 манбаъ-ро дар бар мегирад, ки аз онҳо 112 манбаъ ба забони русӣ ва 54 манбаъ ба забонҳои хориҷӣ пешниҳод шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки муаллиф ба адабиёти васеи илмӣ такя карда, натиҷаҳои тадқиқотро дар доираи меъёрҳои муосири илмӣ анҷом додааст.

Сохтори диссертатсия мутобиқи талаботи КОА ҶТ таҳия гардида, аз қисматҳои зерин иборат аст: муқаддима; қисми шарҳи адабиёт; мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ; пешниҳоди натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо; хулосаҳои умумӣ; тавсияҳои амалӣ; рӯйхати адабиёт; замимаҳо.

Дар боби якум муаллиф шарҳи муфассали адабиёти илмии ватанӣ ва байналмилалиро пешниҳод намуда, хусусиятҳои биологии *Mycobacterium tuberculosis,* хусусиятҳои морфологӣ, ҳассосият ва механизми таъсири ППД-туберкулин ва ММҒ-ро низ баррасӣ кардааст. Мушкилоти вобаста ба

аксуламалҳои парааллергӣ, масъалаҳои ташхиси тафриқавӣ ва вазъи паҳншавии сил дар кишварҳои минтақа бо такя ба таҳқиқоти муосир таҳлил шудаанд. Шарҳи адабиёт ҳаматарафа буда, барои таҳқиқоти минбаъда заминаи назариявии устувор фароҳам меорад.

Боби дуюм ба тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ бахшида шудааст. Дар он муаллиф маҷмӯи усулҳои классикӣ ва инноватсионӣро истифода бурдааст, аз ҷумла:

— санҷишҳои бодигармии алоҳида ва симултанӣ;

— таҳқиқоти саҳроӣ дар хоҷагиҳо бо сатҳҳои гуногуни хатари эпизоотӣ;

— муқоисаи вояҳои гуногуни ППД-туберкулин;

— истифодаи усули фаврии ташхис;

— таҳлили оморӣ.

Мавод ва методика ба таври равшан, мунтазам ва такроршаванда пешниҳод шудааст, ки ба талаботи илмҳои ветеринарӣ комилан мувофиқ мебошад.

Дар боби сеюм муаллиф вазъи эпизоотии силро дар минтақаи Кӯлоб амиқ таҳлил намуда, сабабҳои асосии паҳншавии беморӣ байни чорвои калони шохдорро муайян кардааст. Мушкилиҳои вобаста ба шароити нигоҳдорӣ, омилҳои экологӣ, сатҳи хатар, инчунин хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Ин боб бо назари системавӣ, таҳлили омилҳои таъсиррасон ва баҳодиҳии амалӣ фарқ мекунад.

Дар боби чорум тадқиқоти муқоисавӣ дар минтақаҳои дорои шароити гуногуни эпизоотӣ пешкаш шудааст. Муаллиф муайян намудааст, ки вояи 5000 ВБ барои шароити маҳаллии Тоҷикистон мувофиқтар буда, вояи 10000 ВБ дар минтақаҳои дорои сенсибилизатсияи атипии микобактериалӣ боиси афзоиши натиҷаҳои бардурӯғ мегардад. Истифодаи санҷиши симултанӣ бо ППД ва ММҒ имкони муайянкунии дақиқу боэътимоди ҳолатҳои парааллергиро медиҳад. Ин боб дорои арзиши баланди амалӣ ва методологӣ мебошад.

Боби панҷум ба таҳияи усули фаврии ташхис бахшида шуда, нишон медиҳад, ки кӯтоҳ намудани давраи муайянсозии аксуламалҳо ба паст шудани шумораи натиҷаҳои нодуруст, болоравии дақиқӣ ва имкони татбиқи фаврӣ дар шароити саҳроӣ мусоидат мекунад. Ин усул ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии назорати эпизоотологии сил аҳамияти муҳим дорад.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои тадқиқот дорои арзиши назарраси илмӣ мебошанд, зеро онҳо ба такмили системаи ташхиси тафриқии сил дар чорво мусоидат мекунанд. Омӯхтани нақш ва таъсири микобактерияҳои атипии гурӯҳи IV дар ба вуҷуд омадани аксуламалҳои парааллергӣ имкони беҳтар фаҳмидани механизмҳои ташхисиро фароҳам овардааст. Инчунин, пешниҳоди усули фаврии ташхиси аллергӣ ва санҷиши симултанӣ ба такмили методҳои муосири ташхис замина мегузорад.

Тадқиқот ба беҳтар шудани назорати эпизоотӣ дар хоҷагиҳо ва баланд бардоштани дақиқии ташхиси саҳроӣ мусоидат мекунад. Тавсияҳои методии таҳиягардида барои мутахассисони тибби ветеринарӣ дар муайянсозии ҳолатҳои шубҳаноки сил, интихоби вояи оптималии ППД ва истифодаи санҷиши симултанӣ хеле муҳим мебошанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ дар натиҷаи такмили ташхис ва коҳиш додани ҳолатҳои бардурӯғ, зарурати нобудсозии беасоси ҳайвоноти солим кам мегардад. Ин амал боиси коҳиши талафоти иқтисодӣ, афзоиши самаранокии истеҳсол, баланд шудани ҳаҷми маҳсулнокии чорво ва кам шудани хароҷоти хоҷагиҳо барои ташхису табобат мегардад.

Аҳамияти иҷтимоии тадқиқот дар паст гардидани хатари сирояти одамон аз чорво, беҳтар шудани назорати бемориҳо ва таъмини амнияти маҳсулоти озуқаворӣ инъикос меёбад. Бо кам шудани ҳолатҳои сил дар чорво, хатар ба аҳолӣ, махсусан ба гурӯҳҳои осебпазир, коҳиш меёбад.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Ҳолатҳои асосии кори диссертатсионӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ интишор гардидааст. Мақолаҳо дар маҷаллаи«Кишоварз» ва маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ интишор гардидаанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Самти илмии тадқиқот ба бандҳои 5.1 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ мутобиқат мекунад. Ин мувофиқат бо он асоснок мегардад, ки дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои марбут ба гузаронидани ташхисҳои озмоишӣ ва усулҳои муайянкунии бемории сил дар чорвои калони шохдор баррасӣ шудаанд.

Новобаста аз ин дар диссертатсия камбудиҳо дар тартиб додани матн, маводҳои тасвирӣ, хатогиҳои грамматикию орфографӣ ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Дар баъзе қисматҳо таҳлили оморӣ каме мухтасар оварда шудааст.

2. Дар баъзе мавридҳо ҷараёни асосноккунии интихоби ду вояи "5000" ва "10000 ВБ" пурра ошкор нашудааст ва истинод ба меъёрҳои байналмилалӣ ё дастурамалҳои соҳавӣ оварда нашудааст.

Аммо ин камбудиҳо ба арзиши илмии кори муаллиф таъсири назаррас надоранд.

Хулоса. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯгшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ сазовор дониста мешавад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи тибби байторӣ Донишгоҳи
Давлатии Данғара, н.и.в., ив. дотсент Шарипов М.
10 декабри соли 2025

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара,
Кучаи Маркази, 25
Tel./Fax.: (992) 935312146
E-Mail.: mahmad1957@bk.ru

Имзои Шарипов М. -ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Тоиров С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара,
Кучаи Маркази, 25
Tel./Fax.: (992-83312) 22806
E-Mail.: dddangara_2013@mail.ru
10 декабри соли 2025